**Нусха аз суратмаҷлиси №8**
**оид ба баргузории ҷаласаи навбатии кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ**

аз 02.04.2022с.

ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** Иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедра, н.и.ҳ., муаллими калон Қодиров Ҷ.Ш., н.и.ҳ., профессор Имомов А.И., н.и.ҳ., дотсент Ойев Х.О., д.и.ҳ., профессор Диноршоҳ А.М., д.и.ҳ., профессор Гадоев Б.С., д.и.ҳ., профессор Маъруфӣ Р.Н., н.и.ҳ., дотсент Яқубова С.Н., н.и.ҳ., дотсент Камолов Ш.Ҳ., н.и.ҳ, дотсент Раҳмон Д.С., н.и.ҳ., дотсент Сулаймонзода М.С., н.и.ҳ., дотсент Соибов З.М., н.и.ҳ., муаллими калон Наимов Б.Ғ., ассистентон: Саиданваров Қ.Ҷ., Абдулаҳадзода С.А., Шерализода Ҷ.Ш., Муродзода У.У., ва лаборанти калони кафедра Неъматова М.А.

**Рӯзномаи маҷлис:**

**5.3. Муҳокимаи рисолаи номзадии ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзӯи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Роҳбари илмӣ: д.и.ҳ., профессор Гадоев Б.С.**

Иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедра Қодиров Ҷ.Ш. қайд намуд, ки масъалаи рӯзномаи ҷаласаро муҳокимаи такрории рисолаи номзадии ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзӯи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Гадоев Б.С. ташкил медиҳад.

Барои баёни мухтасари мубрамият, нуктаҳои асосӣ ва мазмуни рисола сухан ба унвонҷӯ Имомов Ҳ.Ш. дода шуд. **(Баромад замима мегардад)**

Баъди баромади Имомов Ҳ.Ш. аз ҷониби устодони кафедра ба ӯ саволҳо дода шуд, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавобҳои қаноатбахш гардонид.

Иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедра Қодиров Ҷ.Ш. қайд намуд, ки рисолаи мазкур бори дуввум аст, ки аз муҳокимаи кафедра мегузарад. Баъди муҳокимаи аввал бо пешниҳоди аъзоёни кафедра барои ислоҳи эродҳо ва камбудиҳои техникӣ ба унвонҷӯ муҳлат дода шуд ва унвонҷӯ дар муддати муайянгардида ҳамаи эродҳо ва камбудиҳоро ислоҳ намудааст. Аз устодони кафедра н.и.ҳ., досент Камолов Ш.Ҳ. муаззаф

гардида буд, ки рисолаи мазкурро то муҳокимаи имрӯза пурра мутолиа намуда, хулосаи ниҳоиро хешро пешниҳод намояд. Инчунин, нусхаҳои рисола ба устодони кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ н.и.ҳ., профессор Имомов А.И., д.и.ҳ., профессор Диноршоҳ А.М., н.и.ҳ., дотсент Камолов Ш.Ҳ., н.и.ҳ., дотсент Соибов З.М пешакӣ тақсим гардида буданд. Аз устодони мазкур хоҳиш карда шуд, ки андешаҳояшонро оид ба рисола иброз намоянд.

Нахуст сухан ба н.и.ҳ., профессор Имомов А.И. дода шуд. Ӯ андешаҳояшро оид ба рисолаи илмии Имомов Ҳ.Ш. иброз намуд. Мавсуф қайд кард, ки рисолаи илмии унвонҷӯ дар сатҳи хуб омода карда шудааст. Ҳамзамон баъзе камбудиҳо мавҷуд буданд, ки унвонҷӯ онҳоро ислоҳ кардааст.

Сипас, д.и.ҳ., профессор Диноршоҳ. А.М. баромад намуда, қайд кард, ки кори илмии ассистенти кафедра Имомов Ҳ.Ш. анҷомёфта мебошад. Он бо забони ноби тоҷикӣ ва бо усули содда навишта шудааст. Дар маҷмӯъ, рисола дар сатҳи бисёр хуб омода гардидааст, иброз намуд, профессор Диноршоҳ А.М.

Баъдан, н.и.ҳ, дотсент Соибов З.М. доир ба моҳияти рисолаи илмӣ ибрози назар намуда, қайд намуд, ки мавзӯи илмии таҳқиқотии рисоланавис яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионии ватаниро ташкил медиҳад. Рисола дар сатҳи хуб омода шудааст ва дифоъ тавсия карда мешавад.

Сипас, н.и.ҳ., дотсент Камолов Ш.Ҳ., ки мутассадиии бевосита барои додани хулосаи ниҳоӣ муаззаф шуда буд, доир ба моҳияти рисолаи илмӣ чунин ибрози назар намуд, ки таҳқиқоти илмӣ дар сатҳи баланд омода карда шудааст. Камбудӣ ва норасоиҳои дар даври аввали муҳокима пешниҳодшуда пурра бартараф карда шудааст. Талаботҳои пешбининамудаи КОА оид ба навиштани рисолаи илмӣ аз ҷониби унвонҷӯ пурра риоя шудааст. Аз ин рӯ, метавон онро рисолаи анҷомпазируфта маънидод намуд.

Иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедра, н.и.ҳ., муаллими калон Қодиров Ҷ.Ш низ андешаҳояшро оид ба рисолаи мазкур иброз намуд. Аз ҷумла, қайд кард, ки рисолаи илмӣ дар сатҳи хуби илмӣ навишта шудааст ва дар асоси хулосаи ниҳоии н.и.ҳ., дотсент Камолов Ш.Ҳ. метавон онро ба экспертизаи даври дуввум пешниҳод намуд.

Ҳамин тариқ,

**Кафедра қарор кард:**

1. Рисолаи номзадии ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзӯи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Гадоев Б.С. ба экспертизаи даври дуюми муассиса барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ тавсия карда шавад.

2. Ба ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Имомов Ҳумоюн Шарофиддинович дар мавзӯи «Мақоми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳизбҳои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Гадоев Б.С. хулосаи мусбати кафедра дода шавад. **(Хулосаи кафедра замима мегардад)**

Масъалаи мазкур ба овоз монда шуд:
Тарафдор-17 нафар
Зид -нест
Бетараф – нест

Бо ҳамин ҷаласаи кафедра пӯшида эълон карда шуд.

**Иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносӣ , н.и.ҳ., муаллими калон:** **Қодиров Ҷ.Ш.**

**Котиби маҷлис, лаборанти калони кафедра:** **Неъматова М.А.**